«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
**Директори Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, доктори илмҳои филологӣ, профессор**

**_______________Шарифзода Ф. Х.**
**«___» ______________соли 2025**

# ТАҚРИЗИ

**муассисаи пешбар ба диссертатсияи Давлатова Моҳшариф Олимовна дар мавзуи «Типологияи номувофиқатии воҳидҳои луғавӣ дар тарҷумаи забонҳои англисӣ-русӣ-тоҷикӣ (дар асоси асари "Ҷен Эйр"-и Ш. Бронте)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ–таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ)**

**Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисос ё соҳаи илм.** Диссертатсияи Давлатова Моҳшариф Олимовна дар мавзуи «Типологияи номувофиқатии воҳидҳои луғавӣ дар тарҷумаи забонҳои англисӣ-русӣ-тоҷикӣ (дар асоси асари "Ҷен Эйр"-и Ш. Бронте)» ба бандҳои 9-10-уми бахши «Соҳаҳои таҳқиқот»-и шиносномаи ихтисоси илмии 6D021300 – Забоншиносӣ мувофиқат мекунад.

Аҳаммияти кори таҳқиқии Давлатова Моҳшариф, пеш аз ҳама, дар он зоҳир меёбад, ки типологияи номувофиқатии воҳидҳои луғавӣ дар тарҷумаи забонҳои англисӣ-русӣ-тоҷикӣ (дар асоси асари "Ҷен Эйр"-и Ш. Бронте) бори аввал дар қолаби диссертатсия таҳқиқ шудааст. Ин мавзуъ дар забоншиносии тоҷик мавзуи комилан нав маҳсуб меёбад.

**Саҳми шахсии довталаб дар ҳалли масъалаҳои илмӣ ё коркарди проблемаи илмӣ бо арзёбии аҳаммияти он.** Масъалагузориҳои мушаххаси илмӣ, таъйиди мубрамии мавзуъ, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, навгонии илмӣ, сарчашмаҳои пажуҳиш, аҳаммияти назарию амалии диссертатсия, инчунин, хулосаю натиҷагириҳои муҳаққиқ, дар маҷмуъ, саҳми шахсии ӯро нишон медиҳанд.

Инчунин, омӯзиши диду назарҳои муҳаққиқони ватанию хориҷӣ дар робита ба мавзуи мавриди таҳқиқ, таҳлилу таҷзия, баҳсҳо ва пешниҳоди дидгоҳҳои дигар, нашри мақолаю гузоришҳои илмӣ дар робита ба мавзуи диссертатсияро ҳам метавон саҳми шахсии диссертант донист. Диссертант бори нахуст дар рисолаи илмӣ типологияи номувофиқатии воҳидҳои луғавӣ дар тарҷумаи забонҳои англисӣ-русӣ-тоҷикӣ дар асоси асари "Ҷен Эйр"-и Ш.Бронте мавриди таҳқиқи махсус қарор дода, дар он камбудиҳои тарҷумонӣ ҳангоми интиқоли воҳидҳои луғавии муодил ва бемуодил дар матнҳои бадеии забонҳои мавриди назар баррасӣ

гардидааст. Маводи назариявӣ ва амалии ҷамъоваринамудаи муаллиф хеле боарзиш буда, барои ҳалли як қатор масъалаҳои мавҷудаи забоншиносӣ ва тарҷумашиносии тоҷик саҳми арзанда мегузорад.

Дар маҷмуъ, метавон таъкид кард, ки дар бобу фаслҳои диссертатсияи Давлатова Моҳшариф як қатор масъалаҳои марбут ба типологияи номувофиқатии воҳидҳои луғавӣ дар тарҷумаи забонҳои англисӣ-русӣ-тоҷикӣ дар мисоли маводи асари "Ҷен Эйр"-и Ш. Бронте баррасӣ мешаванд.

**Натиҷаҳои мушаххаси илмӣ (бо нишон додани навгонӣ, аҳаммияти илмӣ ва амалии онҳо), ки барои он ба довталаб додани дараҷаи илмии дархостшаванда мумкин аст. Навгонии илмии таҳқиқ** дар он зоҳир мегардад, ки дар забоншиносии тоҷик бори аввал типологияи номувофиқатии воҳидҳои луғавӣ дар тарҷумаҳои англисӣ, русӣ ва тоҷикӣ бо назардошти омӯзиши хусусиятҳои луғавии "Ҷен Эйр"-и Ш. Бронте, муайян кардани принсипҳову меъёрҳои мутобиқатӣ ва номутобиқатӣ дар тарҷумаи матни бадеӣ баррасии таҳвилоти тарҷумавии матни бадеӣ, мушкилоти муодилнокӣ ва бемуодилӣ дар забонҳои англисӣ, русӣ ва тоҷикӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифта шудааст.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқ** дар он зоҳир мегардад, ки мавод ва натиҷаҳои илмии диссертатсия барои пажуҳиши минбаъдаи паҳлуҳои гуногуни соҳаҳои забоншиносӣ ва тарҷумашиносӣ мусоидат менамоянд. Муҳаққиқони соҳа таҳқиқоти худро бештар ба омӯзиши ҷанбаҳои гуногуни тарҷума, бахусус, тарҷумаи матнҳои бадеӣ равона намуда, кори илмии мазкур метавонад ҳамчун роҳнамои илмӣ хизмат намояд. Далелҳои асосноки пешниҳодшудаи муҳаққиқ оид ба мушкилоти луғавӣ дар тарҷумаи бадеӣ дар мисоли забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ холигоҳи назариявии тарҷумашиносии тоҷикро пур хоҳад кард.

**Аҳаммияти амалии таҳқиқ** дар он зоҳир мегардад, ки натиҷаҳои таҳқиқот барои мутахассисони соҳаи тарҷума дастури амалӣ ба ҳисоб меравbooм. Номувофиқатии воҳидҳои луғавӣ дар тарҷумаи забонҳои англисӣ, русӣ ва тоҷикӣ, камбудиҳо дар раванди интиқоли воҳидҳои луғавии муодил ва бемуодил ва роҳҳои бартараф намудани онҳо, ки дар диссертатсияи мазкур нишон дода шудааст, роҳнамо барои тарҷумонони минбаъда мегардад.

Инчунин, мавод, хулоса ва натиҷагириҳои диссертатсия метавонанд, ҳангоми таҳия ва хондани курсҳои лексионӣ доир ба типологияи муқоисавии забонҳо ва тарҷумашиносӣ, ҳангоми тадриси курсҳои махсус барои донишҷӯён, магистрантҳо, докторантҳо (PhD) ва мутахассисон ҷиҳати навиштани корҳои хатми тахассусӣ оид ба мавзуи тарҷума ва тарҷумашиносӣ, инчунин, ҳангоми таҳияи китобҳои дарсӣ ва васоиту дастурҳои таълимӣ истифода шаванд.

Диссертатсияи Давлатова Моҳшариф Олимовна аз муқаддима, 3 боб, хулоса, рӯйхати адабиёт, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои

таҳқиқ, китобнома ва номгӯйи таълифоти довталаби дараҷаи илмӣ иборат аст.

Дар муқаддимаи диссертатсия мубрамияти мавзуи таҳқиқ, дараҷаи омӯзиши мавзуъ, робитаи таҳқиқ бо барномаҳои илмӣ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ, объект ва предмети таҳқиқ, асосҳои методологӣ ва сарчашмаҳои он, равишҳо ва навгониҳои таҳқиқ, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назарию амалии таҳқиқ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ, тавсиби амалии натиҷаҳои таҳқиқ ва ғайра ба таври муфассал нишон дода шудаанд.

**Боби якуми** *диссертатсия* **"*Асосҳои назариявии номувофиқатии воҳидҳои луғавӣ дар тарҷума*"** унвон дошта, таҳқиқи ин масъала дар чор фасли асосӣ анҷом дода шудааст. Фасли аввали боб **"Номувофиқатии воҳидҳои луғавӣ ва омилҳои пайдоиши онҳо"** муҳаққиқ номувофиқатии воҳидҳои луғавӣ ва омилҳои пайдоиши онҳоро баррасӣ намуда, гуфтаҳои худро бо ақида ва назарияи олимони соҳаи тарҷума асоснок мекунад.

Тибқи маълумоти диссертант омӯзиши падидаи номувофиқатӣ дар тарҷума таҳлили амиқи бисёрҷонибаро тақозо мекунад, ки он барои меъёрҳои баҳодиҳии сифати тарҷума замина фароҳам меоварад. Омилҳои номувофиқатӣ дар тарҷума бояд муайян карда шаванд, зеро он ба дарки матн аз ҷониби хонандаи матни тарҷума таъсир мерасонанд. Одатан, номувофиқатӣ дар мундариҷа ва шакли матни аслӣ ва тарҷума боиси тағйир ёфтани мухтавои матни аслӣ мегардад.

Дар фасли дуюми боби аввал **"Принсипҳои асосии номувофиқатии воҳидҳои луғавӣ дар матнҳои аслӣ ва тарҷума"** роҳҳои асосии муайян кардани номутобиқатии воҳидҳои луғавӣ дар раванди тарҷума таҳқиқ шуда, барои муайян намудани принсипҳои асосии мувофиқатӣ ва номувофиқатии воҳидҳои луғавӣ ҷараёнҳои таҳлил ва синтез таҳлил шуда, нақши муассири ин ҷараён дар ифодаи тарҷумаи мукаммал нишон дода шудааст.

Дар фасли сеюми рисола **"Меъёрҳои мутобиқатӣ ва номутобиқатӣ дар тарҷумаи асарҳои бадеӣ"** баррасӣ гардида, яке аз ҷанбаҳои муҳим ва ҳал намудани номувофиқатии воҳидҳои луғавӣ, пайдо намудани муодилнокии мувофиқ ва муносиб қайд карда шудааст. Дар фасли мазкур ҳамаи намудҳои мутобиқати мазмунии байни воҳидҳои луғавии ду ва ё се забон дар шаклҳои: 1) мутобиқати пурра; 2) мутобиқати қисман; 3) вуҷуд надоштани мутобиқатӣ, ки дар илми тарҷумашиносӣ онро "номутобиқатӣ" меноманд, нишон дода шудаанд.

Дар фасли чорум, ки **"Баррасии таҳвилоти тарҷумавӣ ҳамчун пайомади номувофиқатии воҳидҳои луғавӣ дар тарҷумаи бадеӣ"** ном дорад, дар он руҷӯъ ба таҳвилоти тарҷумавӣ ва навъҳои онҳо сухан рафта, бо мисолҳо асоснок гардидааст. Диссертант таҳвили тарҷумавиро ҳамчун яке аз омилҳои номувофиқатии воҳидҳои луғавӣ донista, миёни

навъҳои номувофиқатӣ, номувофиқатии таҳвилиро ҳамчун гурӯҳи алоҳида муайян намудааст.

**Боби дуюми** диссертатсияи Давлатова Моҳшариф – **“Номувофиқатӣ дар тарҷумаи воҳидҳои луғавӣ: мушкилоти муодилнокӣ ва бемуодилӣ дар забонҳои англисӣ, русӣ ва тоҷикӣ”** ба омӯзиши мушкилоти муодилнокӣ ва бемуодилӣ дар забонҳои англисӣ, русӣ ва тоҷикӣ бахшида шуда, аз ду фасл иборат мебошад.

Фасли аввали боби дуюми рисола –**“Мушкилоти муодилнокӣ дар забонҳои англисӣ, русӣ ва тоҷикӣ”** ба таҳқиқи мушкилоти тарҷумаи воҳидҳои луғавии муодил ва номувофиқатӣ дар раванди тарҷумаи онҳо бахшида шуда, дар он баъд аз таҳлили фикру ақидаи олимони соҳаи тарҷума дар хусуси таснифоти мутобиқатҳои луғавӣ, се навъи муодилҳо: пурра, нопурра (қисман) ва бемуодил муайян гардидааст. Ба андешаи диссертант, новобаста аз мавҷудияти муодилҳои пурра ва қисмани воҳидҳои луғавӣ, дар интиқоли онҳо номувофиқатии воҳидҳои луғавиро метавон мушоҳида намуд, ки зуҳуроташон ба омилҳои асосии онҳо алоқамандӣ доранд.

Дар фасли дуюми боби дуюми рисола –“**Мушкилоти бемуодилӣ миёни забони манбаъ ва забони мақсад”** навъҳои воҳидҳои луғавии бемуодил таҳлил гардида, номувофиқатӣ дар тарҷумаи онҳо нишон дода шудааст. Муаллиф яке аз омилҳои муҳимтарини номувофиқатии воҳидҳои луғавӣ дар тарҷумаи забонҳои англисӣ, тоҷикӣ ва русиро воҳидҳои луғавии бемуодил ҳисобида, ба воҳидҳои луғавии бемуодил реалия, лакуна, экзотизмҳо ва исмҳои хос, ки дар низоми воҳидҳои луғавии забони дигар мутобиқати доимӣ надоранд, дохил намудааст.

Боби сеюми диссертатсия “**Таҳлили номувофиқатии воҳидҳои луғавӣ дар забонҳои англисӣ-русӣ-тоҷикӣ дар раванди тарҷума”** номгузорӣ шуда, он аз чор фасл иборат мебошад.

Фасли якуми боби сеюми рисола таҳти унвони **“Номувофиқатии воҳидҳои луғавӣ дар тарҷумаи забонҳои англисӣ, русӣ ва тоҷикӣ дар натиҷаи илованамоӣ”** аз 8 зерфасл иборат буда, ҳар як зерфасл ба навъҳои номувофиқатии воҳидҳои луғавӣ дар тарҷумаҳои забонҳои англисӣ-русӣ-тоҷикӣ дар натиҷаи илованамоӣ бахшида шудааст.Тибқи маълумоти диссертант тавзеҳот – интиқоли унсурҳои ниҳонии мундариҷаи аслӣ дар тарҷумаҳои англисӣ-русӣ-тоҷикӣ маъмул буда, яке аз сабабҳои истифодаи густурдаи тавзеҳот, номутобиқ будани донишҳои заминавии қабулкунандагони матнҳои аслӣ ва тарҷумашуда нишон дода шудааст.

Фасли дуюм – **“Муқоисаи номувофиқатии воҳидҳои луғавӣ дар тарҷумаи забонҳои англисӣ-русӣ-тоҷикӣ дар натиҷаи коҳишёбӣ”** аз 3 зерфасл иборат буда, дар он навъҳои номутобиқатии тарҷума дар асоси коҳишёбӣ таҳлилу баррасӣ гардидааст. Фишурдасозӣ навъи коҳиш дониста шудааст, ки он интиқоли мундариҷаи муфассали нусхаи аслӣ дар шакли мухтасари тарҷума буда, асосан, барои ҷуброни иловаҳои дигар

дар тарҷума анҷом дода мешавад. Дар раванди таҳқиқ маълум гардид, ки коҳиш бештар дар натиҷаи истифодаи усули ҷойивазкунии воҳидҳои луғавӣ ва тағйир додани сохтори синтаксисии ҷумла ба вуҷуд меояд.

Фасли сеюм – **“Бадали воҳидҳои луғавӣ дар тарҷумаи забонҳои англисӣ-русӣ-тоҷикӣ ҳамчун навъи номувофиқатӣ дар тарҷума”** аз 3 зербоб иборат буда, мавзуи баҳси он номувофиқатии воҳидҳои луғавӣ дар натиҷаи бадал ёфтани онҳо мебошад, ки бештар дар мисоли бадали контекстӣ – иваз кардани унсурҳои луғавӣ бо мақсади ҳалли вазифаи мушаххаси тарҷумон дар порчаи матни асари таҳқиқшаванда сурат меёфт.

“**Камбудиҳои тарҷумонӣ**” дар фасли чоруми боби сеюми рисола мавриди омӯзиш қарор гирифта, дар такя ба назария оид ба камбудиҳои тарҷумонии К.И. Ковалева, муаллиф онҳоро дар мисоли китоби “Ҷен Эйр”-и Ш. Бронте мавриди барассӣ намудааст.

Хулоса ва натиҷагириҳои диссертант дар бахши «Хулоса»-и диссертатсия дар 18 банд манзур гардида, аксари онҳо натиҷаи баррасиҳои бобу фаслҳои диссертатсия мебошанд.

Рӯйхати адабиёти истифодакардаи диссертант мувофиқи меъёр ва талаботи феҳрастнигорӣ танзим гардидааст.

Дар диссертатсияи тақризшаванда дар баробари дастовардҳои зиёди илмӣ баъзе камбудиҳо низ ба назар мерасанд, ки зикри онҳо барои бознигарӣ ва такмили минбаъдаи кор аз аҳаммият холӣ нест:

1. Ба назари мо, дар диссертатсия дар таҳияи бобҳои рисола таносуби байни фаслҳои бобҳо риоя карда нашудааст: дар боби аввали рисола 4 фасл, боби дуюм ду фасл, дар боби сеюм се фасл (бо назардошти дар бар гирифтани аз 1 то 4 зерфасл дар ҳар як фасли боби сеюм).

2. Дар фишурдаи рисола моҳияти асосии фаслҳои бобҳои рисола баррасӣ нагардида, маълумоти умумӣ нишон дода шудааст, аз ҷумла:

1) дар фасли якуми боби якуми рисола – “Номувофиқатии воҳидҳои луғавӣ ва омилҳои пайдоиши онҳо” нуқтаи назари олимон оид ба тарҷумаи матни бадеӣ ба таври умумӣ оварда шуда, омилҳои пайдошавии ин номувофиқатӣ нишон дода нашудааст (саҳ. 11-12);

2) дар фасли дуюми боби якуми рисола – “Принсипҳои асосии номувофиқатии воҳидҳои луғавӣ дар матнҳои асл ва тарҷума” оид ба ду ҷараёни дарки асосии матни асл: ҷараёни таҳлилӣ ва синтези матн маълумот дода шуда, принсипҳои асосии номувофиқатии воҳидҳои луғавӣ нишон дода нашудаанд (саҳ.13);

3) дар фасли сеюми боби якуми рисола «Меъёрҳои мутобиқатӣ ва номутобиқатӣ дар тарҷумаи асарҳои бадеӣ» меъёрҳои бевоситаи мутобиқатӣ ва номутобиқатӣ мушаххасан нишон дода нашудаанд (саҳ.14.);

4) дар фасли чоруми боби якуми рисола – «Баррасии таҳвилоти тарҷумавӣ ҳамчун пайомади номувофиқатиии воҳидҳои луғавӣ дар

тарҷумаи бадеӣ» таҳвилоти тарҷумавӣ номбар шуда, баррасии пурраи он ба назар намерасад (саҳ. 16-17.).

3. Дар диссертатсия ҳангоми баррасии нуқтаи назари олимон оид ба тарҷумаи ҷумлаҳо бо се забон оварда шудааст ва, дар мисоли тарҷумаи қисми ҷумлаи «without damaging the roots» – «без повреждения корней» – «бе зарар ба реша» муаллиф нуқтаи назари худашонро ҷиҳати нодуруст будани тарҷумаи забони тоҷикии қисми ҷумла бояд зикр мекард, ки дар матни номбурда, калимаи *roots* – *корень* дар забони тоҷикӣ на *реша, балки* он бояд “бех” – бехи забон тарҷума шавад (саҳ. 69.).

4) Унвонҷу дар диссертатсия дар бештари мавридҳо нуқтаи назари мутахассисонро оид ба тарҷумаи ҷумлаҳо зикр намудааст ва хуб мешуд, ки дар баробари овардани тарҷума ва андешаи коршиносон (Салими Зарафшонфар, В. Станевич), таҳлилҳо ва назари унвонҷуй низ дар рисола зикр мегардид (саҳ. 70-78).

5. Дар баъзе саҳифаҳои рисола ва автореферат хатоҳои техникӣ (саҳ. 4, 14, 15, 18, 19, 33, 137, 144 ва ғ.) ва услубӣ ба назар расида, ислоҳи минбаъдаи он ба манфиати кор хоҳад буд.

Камбудиҳои зикргардида ҷузъӣ буда, дар умум, арзиши илмии кори таҳқиқии мазкурро халалдор намесозанд. Зеро муаллиф вазифаҳои дар назди худ гузоштаашро дар сатҳи зарурӣ ба анҷом расонидааст.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб бо дараҷаи илмӣ.** Диссерататсияи Давлатова Моҳшариф Олимовна дар мавзуи «Типологияи номувофиқатии воҳидҳои луғавӣ дар тарҷумаи забонҳои англисӣ-русӣ-тоҷикӣ (дар асоси асари “Ҷен Эйр”-и Ш. Бронте) » ба талаботи бандҳои 31, 33-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти рақами № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ–таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) сазовор мебошад. Илова бар ин, диссертант лаёқати хуби илмӣ дошта, фаъолият ва таълифоти ӯ бевосита ба самти забоншиносӣ иртибот ва мувофиқат мекунанд.

Автореферати диссертатсия ва маводи интишорнамудаи муаллиф фарогири муҳтавои асосии диссертатсия буда, аз 6 мақолаи нашршуда 3 номгӯйи он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд.

**Хулоса,** диссертатсияи Давлатова Моҳшариф Олимовна бо аҳаммияти мавзуъ, навгониҳои илмӣ, арзиши назарию амалӣ ва вусъати таҳқиқи масъалаҳои ба миён гузошташуда ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии дархостшаванда сазовор аст.

Тақризи муассисаи пешбар дар асоси муқаррароти бандҳои 76-79 ва 81-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, № 267 тасдиқ гардидааст, таҳия ва пешниҳод шудааст.

Тақриз аз ҷониби доктори илмҳои филологӣ, профессор, сарходими илмии шуъбаи забони тоҷикии Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Абодуллоева Сафина Юсуповна омода гардида, дар ҷаласаи шуъбаи мазкур санаи 8-уми майи соли 2025 баррасӣ ва тасдиқ шудааст.

Дар ҷаласаи шуъба иштирок доштанд: 14 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор – 14 нафар, зид – «нест», бетараф – «нест».

Суратҷаласаи № 9, аз 8 майи соли 2025.

**Раиси ҷаласа:**
доктори илмҳои филологӣ, профессор,
мудири шуъбаи забони тоҷикии
Институти забон ва адабиёти ба номи
Абуабдуллоҳи Рӯдакии Академияи — Муҳаммадҷонзода
миллии илмҳои Тоҷикистон — Олимҷон Обидҷон

**Эксперт:**
доктори илмҳои филологӣ, профессор,
сарходими илмии шуъбаи забони тоҷикии
Институти забон ва адабиёти ба номи
Абуабдуллоҳи Рӯдакии Академияи — Абодуллоева Сафина
миллии илмҳои Тоҷикистон — Юсуповна

**Котиби илмии ҷаласа:**
номзади илмҳои филологӣ, ходими
калони илмии шуъбаи забони тоҷикии
Институти забон ва адабиёти ба номи
Абуабдуллоҳи Рӯдакии АМИТ — Шарифова Гулҷаҳон

**Имзоҳои** Олимҷон Муҳаммадҷонзода, Сафина Абодуллоева ва Гулҷаҳон Шарифоваро **тасдиқ мекунам:**
нозири кадрҳои Институти забон ва адабиёти
ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакии АМИТ — Нарзикулова Ҳилола

**Нишонии муассисаи пешбар:**
734019, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 21
Телефон: (+992 37) 227-29-07
E-mail: iza.rudaki@gmail.com; сомонаи расмӣ: www.izar.tj

« 8 » майи соли 2025